# ТАҚРИЗИ

муқарризи расмӣ ба рисолаи илмии Раҳилаи Нураҳмадзода дар мавзуи “Ташаккули омодагии нутқии кӯдакони синни калони томактабӣ ба таҳсил дар зинаи ибтидоӣ бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи аз рӯйи ихтисоси 13.00.06 – Назария ва методикаи тарбия (13.00.06.01 - Назария ва методикаи тарбияи томактабӣ) пешниҳод шудааст

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.**

Низоми таҳсилоти томактабӣ барои ҳалли вазифаҳои рушди барвақтии кӯдак равона гардида, ба ин васила ҷиҳати муҳайё намудани имконияту шароити гирифтани таълиму тарбияи томактабӣ барои кӯдакон аз гурӯҳҳои гуногуни аҳолӣ мусоидат мекунад.

Замони муосир замони техникаву технология, иттилоот, эҷоду навоварӣ, ихтироъкорӣ ва рушди лаёқати кӯдакону наврасон ба шумор рафта, вобаста ба ин Пешвои миллат, Асосгузори сулҳу ваҳдаи миллӣ, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо кормандони соҳаи илму маориф ва аҳли эҷоди мамлакат чунин баён доштанд: «Дигар нуқтаи муҳим ин аст, ки мо бояд бо такя ба таҷрибаи ҷаҳони муосир интихобу тарбияи кӯдакони болаёқату боистеъдодро аз муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ оғоз кунем ва таълими онҳоро мақсадноку дурбинона ба роҳ монем».

Бо мақсади фароҳам овардани имконияту шароити фаро гирифтани кӯдакон ба таълиму тарбияи томактабӣ бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон давраи сеюм аст, ки «Барномаи рушди таҳсилоти томактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025» (аз 22 июни соли 2019, №316) қабул гардид, ки дастрасии таҳсилоти томактабиро барои кӯдакон таъмин намуда, ҷиҳати таъмини хизматрасонии амалию самарабахш дар муассисаҳои таълимии томактабӣ шароит фароҳам меорад.

Хушбахтона, ҳоло дар кӯдакистонҳои ҷумхурӣ асоси корҳои таълимию тарбиявӣ бо забони модарӣ ба роҳ монда шудааст ва ин имконият медиҳад, ки аз боигарии забонамон, аз осори гузаштагонамон ва панду ҳикматҳои бузургонамон васеъ истифода намоем ва бо ин восита нутқи гуфтугӯии кӯдаконро пурғановат, зебову гуворо гардонем.

Истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ дар муассисаҳои таълимии томактабӣ воситаи босамари ташаккули фаъолияти маърифатӣ, нутқӣ ва ташкили фаъолияти таълимӣ-маърифатии томактабиён мебошад, зеро истифода аз онҳо машғулиятро шавқовар ва замонавӣ мегардонанд.

Вобаста ба фикрҳои фавқузикр, ҷиҳати баргузории таҳқиқот унвонҷӯ Раҳилаи Нураҳмадзода мавзуи "Ташаккули омодагии нутқии кӯдакони синни калони томактабӣ ба таҳсил дар зинаи ибтидоӣ бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ"–ро интихоб намудааст.

Масъалаи мазкур мубрамияти мавзӯъро ба миён овард, зеро он дар назария ва ҳам дар амалияи зинаи томактабӣ дар ҷанбаи омодагии нутқии кӯдакон бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ мавриди таҳқиқ қарор наёфтааст.

Ҳадафи таҳқиқот аз ҷиҳати назариявӣ асоснок ва дар амалия татбиқ намудани раванди ташаккули нутқи гуфтугӯии кӯдакони синни калони томактабӣ ба таҳсил бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ ташкил медиҳад.

Дар таҳқиқоти мазкур хусусиятҳои педагогию психологии инкишофи нутқи шифоҳию хаттӣ ва таъсири тарафайни онҳо, усулҳои методии инкишофи нутқи алоқанок, роҳҳои ташаккули мафҳумҳои грамматикӣ ва бархе аз паҳлӯҳои омӯзиши забони модарӣ мавриди омӯзишу таҳқиқ қарор гирифта, хулосаҳои амиқу илмӣ бароварда шудаанд. Ин ҷо, вазифа аз фароҳам овардани шароит барои омодагии нутқии кӯдакони синни калони томактабӣ дар кӯдакистон ба таҳсил дар зинаи ибтидоӣ бо истифода аз технологияҳои педагогӣ иборат мебошад.

Падидаи навгонӣ ва бозёфти илмии рисолаи Раҳилаи Нураҳмадзода бо он арзёбӣ мегардад, ки он фарогири тамоми ҷанбаву паҳлуҳои назариявию амалии мавзуи диссертатсия будани вазифаҳо ва фарзияи илмии диссертатсия мебошад. Арзёбии натиҷаҳои диссертатсия ва таҳқиқоти таҷрибавӣ - озмоишии баргузорнамудаи унвонҷӯ, ҳамчунин хулосаву тавсияҳои методии коркард ва манзурнамудаи ӯ бозгӯи онанд, ки муаллиф ба мақсад ноил шуда, вазифаҳои дар назди таҳқиқот гузошташударо ҳаллу фасл кардааст ва дар натиҷа фарзияи илмии пешнҳодкардааш дар амал тасдиқи худро пайдо кардааст.

Дар идома таҳлилу баррасии таҳқиқоти диссертатсионӣ, натиҷаи корҳои озмоишӣ, хулосаи бобҳо, хулосаҳои умумӣ ва тавсияҳои методии пешниҳодшуда собит месозанд, ки дар воқеъ аз ҷониби муаллиф чунин андешаҳои зикр баён шудаанд:

- аз нигоҳи педагогӣ аз худ намудани забони модарӣ барои инкишофи кӯдак ва ташаккули шахсияти ӯ аҳамияти калон дорад. Инкишофи нутқ бо инкишофи шуур, дарки, мухити атроф ва инкишофи шахсият алокаи зич дорад. Забони модариро аз худ намуда, кӯдак бо

мафҳумҳои зиёд, андешаҳо, образҳои бадеӣ шинос гардида, худшиносии фардиашро ташаккул медиҳад.

- бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ дар кӯдакони синни калони томактабӣ ташаккул додани қобилияти дарки масъалаҳои фонетикӣ, лексикӣ-грамматикӣ, ки дар азхудкунии забон, овозу калимасозӣ ва тартиб додани ибораю ҷумлаҳо нақши аввалиндараҷаро мебозад.

- таълими томактабӣ пояи ташаккули шахсияти кӯдакон, таҳкурсии минбаъдаи омӯзиш мебошад. Омӯзонидани забони модарӣ ба кӯдакони хурдсол аз рӯзҳои аввалини ба кӯдакистон ворид гаштани онҳо оғоз ёфта, он торафт инкишоф меёбад. Аз ин лиҳоз омӯзонидани забони модарӣ дар пешрафти ақливу зеҳнии кӯдакони синни томактабӣ мавқеи махсус дорад.

- вобаста ба талаботи замон, пайдо шудани методикаҳои нави таълим мақсадҳои муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ низ тағйир ёфта, барномаҳои нави таълимӣ ва равишҳои нави баргузории машғулиятҳо тавассути истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ таҳия мегардад. Имрӯз истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-иртиботиро метавон роҳи нави интиқоли дониш донист, ки ба мундариҷаи сифатан нави таълим ва рушди кӯдакон мувофиқат мекунад;

- аҳамияти назариявӣ ва амалии истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ барои ташаккули бомуваффақияти тасаввуроти кӯдакони синни томактабӣ дар бораи олами атроф муҳим ҳисобида шуда, самаранокии ҳамгироии мутаносиби ТИИ бо шаклу усулҳои анъанавии таълими кӯдакони синни томактабӣ, аз ҷумла истифодаи фаъолияти пурсамар барои рушди дониш дар бораи олами атроф исбот шудааст.

Гузашта аз ин, дар ҷараёни таҳқиқоти диссертатсионӣ ва озмоишӣ масоили зиёди истифодаи ҳамаҷонибаи намудҳои мухталифи технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ бо роҳу усулҳои пешқадами педагогӣ дар ташаккули нутқи гуфтугӯии кӯдакони синни калони томактабӣ ба таври самаранок ҳаллу фасли худро ёфтаанд, ки аз навгониҳои дигари таҳқиқоти диссертатсионӣ дарак медиҳанд.

Аз нуқтаи назари унвонҷӯ истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ яке аз усулҳои муҳимтарини педагогӣ дар муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ ба ҳисоб рафта, ба инкишофи нутқу тафаккури кӯдакон асоси боэътимод мегузорад. Истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ - компютер, тахтаи электронӣ, телефони мобилӣ, проектор, аксгиранда (сканер), чопгар (принтер), компютерҳои

кӯдаконаи “Ҳамадон” дар асоси баҳисобгирии хусусиятҳои синнусолии кӯдакон фаъолияти гуногуни онҳоро инкишоф дода, дар нутқи онҳо қобилияти дарки масъалаҳои фонетикӣ, лексикӣ-грамматикӣ, тартиб додани ибораю ҷумлаҳо ташаккул медиҳад.

- технологияи инноватсионӣ на танҳо системаи таҳсилотро комил месозанд, балки қудрат дорад, ки тартиби нави дониш ва сохторҳои нави таълимиро таъсис диҳад. Бинобар ин, тақозои замон аст, ки педагог аз технологияи муосир баҳра намояд ва донишҳои худро дар ин самт тақвият бахшад. Усул ва шаклҳои мухталифи инноватсионӣ имкон медиҳанд, ки омӯзгор касбияти худро баланд бардорад ва аз дастовардҳои охирини илм бархурдор гардад.

Унвонҷӯ муваффақ шудааст, ки дар заминаи баҳисобгирии таҳқиқоти илмии психологӣ–педагогӣ, қонун, стратегия ва барномаҳои давлатӣ вазъ ва масъалаи фаъолонидани захираи луғавӣ ва ба низом овардани нутқи гуфтугӯии кӯдакони синни калони томактабиро дар муассисаҳои таълимии томактабӣ дар асоси истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ аз таҷрибаи муҳаққиқони хориҷӣ ва ҳам аз дидгоҳи олимону пажӯҳишгарони варзидаи ватанӣ ҳаматарафа омӯхта, таҳлил ва коркард намуда, натиҷаҳои таҳқиқоти анҷомдодаи худро дар шакли хулоса ва тавсияҳои методӣ омода ва пешниҳод кардааст.

Дар рисолаи тақризшаванда ноил шудан ба ҳадаф ва санҷишу тасдиқи фарзия аз нигоҳи ҳалли масъалаву вазифаҳои зерин таҳқиқи худро ёфтааст:

1. Ташаккули қобилияти дарки масъалаҳои фонетикӣ, лексикӣ-грамматикӣ, тартиб додани ибораю ҷумлаҳо дар кӯдакони синни калони томактабӣ;
2. Ташаккули нутқи гуфтугӯии кӯдакони синни калони томактабӣ мавриди ташкили бозиҳои маърифатӣ, шаклҳои гуногуни фаъолгардонии кӯдакон, инчунин шиносоӣ бо муҳити атроф ва адабиёти бадеӣ;
3. Фароҳам овардани шароитҳои таълимию тарбиявӣ барои ташаккули нутқи гуфтугӯии кӯдакони синни калони томактабӣ бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ;
4. Коркарди Барномаи “Ташаккули нутқи гуфтугӯии кӯдакони синни калони томактабӣ бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ” ҳамчун воситаи босамари ташаккули фаъолияти маърифатӣ, нутқӣ ва ташкили фаъолияти таълимӣ-маърифатии кӯдакони синни калони томактабӣ;
5. Омӯзиши мураббиёни кӯдакистон ва омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ бо методикаҳои назорати натиҷаи фаъолияти педагогӣ.

Навгонии илмии таҳқиқот аз он иборат аст, ки бори нахуст вазифа, мазмун ва технологияи ташаккули нутқи гуфтугӯии кӯдакон бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-педагогӣ дар чанбаи инкишофи нутқӣ муайян гардидааст;

- технологияҳои иттилоотӣ-педагогӣ дар ташаккули нутқи гуфтугӯии кӯдакони синни калони томактабӣ дар давраи гузариш ба зинаи таҳсилоти ибтидоӣ мавриди истифода қарор ёфтанд;

- барномаи махсуси ташаккули омодагии нутқии кӯдакон "Ташаккули нутқи гуфтугӯии кӯдакони синни калони томактабӣ бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ дар зинаи гузариш ба таҳсилоти ибтидоӣ коркард ва мавриди озмоиш қарор ёфтааст;

- ташаккули нутқи кӯдакони синни калони томактабӣ тавассути шиносоӣ бо муҳити атроф ва адабиёти бадеӣ, ки дар рафти онҳо ҳисси мансубият ба арзишҳои маънавии миллати тоҷик ташаккул ёфта, омӯзиши забони модарӣ ва эҳтиром ба он ба роҳ монда мешавад, таҳқиқ гардидааст.

**Аҳамияти илмӣ, амалӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо:**

- инкишофи нутқ дар сари вақт аз синни томактаби вусъат ёфта, омили асоси минбаъд дар мактаб осон таълим гирифтани кӯдак мегардад, ки инро замони имрӯза ва барномаҳои муассисаҳои таълимии томактабӣ ва ибтидоӣ талаб менамояд. Инкишофи нутқи кӯдакони сини томактаби ҳамчун пойдевори ояндаи нутқи хаттӣ дар мактаби ибтидоӣ муҳим аст

- истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ дар чараёни таълиму тарбия заминаи воқеии ташаккули нутқи ҳар як кӯдакро фароҳам меорад. Аз ҳама муҳимтараш истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ дар зинаҳои аввалини таҳсилот барои ба қобилияти нутқ кардан, фикрронӣ, ташаккули маҳорати зеҳнию тафаккурӣ, маърифатнокии илмию техникӣ мусоидат менамояд;

- ҷорӣ намудани технологияи иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ дар раванди таълим ба кӯдакон имкон медиҳад, ки маводи омӯзиширо вобаста ба муҳиммият ва зарурати дастрасӣ дар шакли тасвир, рамз, аниматсия, мнемотаблитсаҳо пешнишод намуда, масъалаҳои инкишофи нутқи кӯдакон зуд роҳи ҳалли худро пайдо намоянд;

- дар истифодаи воситаҳои иттилоотӣ-иртиботӣ презентатсия, пешакӣ тайёр карда шуда, боиси самаранокии машғулияти таълимӣ мегарданд, барои шавқовар ва диққатҷалбкунанда гузаронидани машғулиятҳои таълимӣ ва корҳои инфиродӣ имконият фароҳам оварда,

чиҳати такмили қобилияти нутқи равону пурмазмун ба кӯдакон кӯмак мерасонанд.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Натиҷаҳои асосии диссертатсия дар конференсияҳои илмию амалӣ, мизҳои мудаввар ва семинарҳои илмӣ-методии дар Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, конференсияҳои ҷумҳуриявию байналмилалӣ ироа ва баррасӣ шуда, дар нашрияҳои илмии тақризшаванда дар шакли 9 мақолаҳои илмӣ, аз он ҷумла 4 номгӯй дар нашрияҳои илмии тақризшавандаи феҳристи тавсиянамудаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 5 мақола дар матбуоти даврӣ ва маҷмӯаҳои маводи конфронсҳои илмии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ ба табъ расидаанд, ки муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос мекунанд.

**Саҳми шахсии** довталаб ҷиҳати таҳлили ҳамаҷонибаи масъалаи баррасишаванда, мутассилии мувофиқи таҳқиқоти назариявӣ бо амалӣ муайян карда мешавад. Дар методикаи омӯзиши забони модарӣ аз рӯи нишондодҳои педагогика амал намуда, ба воситаи дастовардҳои дақиқ ягонаги ҷараёни таълиму тарбия ва инкишофи умуми кӯдакони синни калони томактабиро дар ҷабҳаи инкишофи нутқи гуфтугӯӣ бо истифодаи аз технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ нишон додааст. Барномаи “Ташаккули нутқи гуфтугӯии кӯдакони синни калони томактабӣ бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ”, ки бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ дар кӯдакони синни калони томактабӣ ташаккул додани қобилияти дарки масъалаҳои фонетикӣ, лексикӣ-грамматикӣ, ки дар азхудкунии забон, овозу калимасозӣ ва тартиб додани ибораю ҷумлаҳо мусоидат мекунад, таҳия гардидааст.

Қобили зикр аст, ки натиҷаи асосӣ ва арзишманди пажуҳиш дар маводҳои Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, Паёми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф, маводи конфронсҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ, мизҳои мудаввар, семинарҳо ва тренингҳо баррасӣ шуда, дар мақолаҳо инъикос ёфтааст, ки 4 адади он дар нашрияҳои тавсиякардаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия.** Тартиби таҳияи диссертатсия ва автореферат ба талаботи Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, авторефератҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда

мувофиқ буда, автореферати диссертатсия мазмуни мухтасари диссертатсияро ифода карда, тасаввуроти аникро доир ба моҳияти таҳқиқоти гузаронидашуда ва натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф медиҳад.

Натиҷаҳои бадастомада, эътимоднокӣ, хулосаву тавсияҳо тибқи талаботи Комиссия ва Дастурамал аз ҷиҳати илмию-методӣ асоснок карда шуда, ба миқдори кофӣ бо тавсияву пешниҳодҳои назариявӣ ва амалӣ, диаграмма ва ҷадвалҳо таъмин аст.

**Дар боби якуми диссертатсия "Ҷабҳаҳои назариявию амалии омодагии нутқии кӯдакони синни калони томактабӣ ба таҳсил дар зинаи ибтидоӣ"** масъалаи омодагии нутқии кӯдакони синни калони томактабӣ ба таҳсил дар зинаи ибтидоӣ дар адабиётҳои психологӣ-педагогӣ ва методӣ таҳлил гардидааст. Ба андешаи муаллиф дар бораи омӯзонидани забони модарӣ дар муассисаҳои томактабӣ ва инкишоф додани нутқи даҳонии кӯдакон бисёр олимону педагогҳои барҷаста фикру мулоҳизаҳои худро баён кардаанд.

Қайд гардидааст, ки инкишофи нутқ, донистани боигарии забон барои ташаккул ёфтани шахсияти ҳар як шахс ниҳоят зарур аст, бинобар ин, инкишофи нутқро дар кӯдакон аз синни томактабӣ вусъат додан зарур аст. Забони модарӣ воситаи муҳими муомила ва ифодаи фикр буда, вазифаи асоси таълими забони модарӣ инкишофи нутқ, такмил ва бой намудани захираи луғавии кӯдак, аз худ намудани қоида ва шаклҳои грамматикии калимаю ҷумлаҳо, инчунин фаҳмидани мазмуни ҳар як калимаю ҷумла мебошад. Диққати асосӣ ба инкишофи самтҳои афзалиятноки нутқи кӯдакон равона карда шуда, инкишофи нутқи кӯдакон дар асоси ба ҳисоб гирифтани паҳлӯҳои гуногуни нутқ - бой намудани луғат, тарбияи маданияти овозии нутқ, ташаккули нутки грамматики ва нутқи мураттаб дида баромада шуда, омодагӣ ба саводомӯзӣ ҳамчун зинаи гузариш ба омӯзиши забони тоҷикӣ дар мактаби ибтидоӣ ба ҳисоб меравнад.

Бинобар ин, дар зинаи таҳсилоти томактабӣ ҷиҳати баланд бардоштани самаранокии раванди таълим истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ муфид буда, барои инкишофи нутқи бою пурмазмуни кӯдакон шароити мусоид фароҳам меорад. Ташаккули нутқи кӯдакон дар асоси интихоби барномаҳои компютерӣ, бозиҳо, презентатсия, филмҳои тасвирию бадеӣ ба роҳ монда шуда, ба онҳо имкон медиҳад, ки ба фаъолият ворид гардида, фаъолияти таълимӣ пурмазмун, ҷолиб ва бо истифодаи усулҳои навин баргузор гардад.

**Дар боби дуюм « Корҳои озмоишӣ-таҷрибавӣ оид ба ташаккули омодагии нутқии кӯдакони 5-7 сола ба таҳсил дар зинаи ибтидоӣ бо**

**истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ»** роҳҳо ва воситаҳои ташхиси инкишофи нутқи кӯдакони синни калони томактабӣ ва коркарди барномаи озмоишӣ-таҷрибавӣ мавриди пажӯҳиш қарор ёфтааст.

Мувофиқи мақсади таҳқиқоти мазкур шароитҳои педагогии самаранокии ташаккули нутқи гуфтугӯии кӯдакони синни калони томактабӣ таввасути технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ дар муассисаҳои таълимии томактабӣ муайян гардида, шаклҳои кор бо кӯдакон, баргузории машғулиятҳои таълимӣ, суҳбатҳои инфиродӣ, инсенировкаи мазмуни асарҳои бадеӣ дар асоси баҳисобгирии хусусиятҳои синнусолии кӯдакон технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ - компютер, тахтаи электронӣ, телефони мобилӣ, проектор, аксгиранда (сканер), чопгар (принтер), компютерҳои кӯдаконаи “Ҳамадон” ва ғайра мавриди истифода қарор ёфтанд. Ҳамчунин, дар раванди инкишофдиҳии нутқи шифоҳӣ аз воситаҳои инкишофи нутқ, ба монанди, шиносоӣ бо муҳити атроф, аз адабиёти бачагона самаранок истифода бурда шуд.

Муҳаққиқ дар боби дуюми рисола Барномаи “Ташаккули нутқи гуфтугӯии кӯдакони синни калони томактабӣ бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ” моҳҳои сентябр-май мавриди озмоиш қарор додааст. Барномаи мазкур аз 37 машғулият, бозиҳои дидактикӣ, машқҳои таълимӣ, саёҳат, сайругашт, мушоҳида ва хониши адабиёти бадеӣ иборат мебошад, ки он дар диссертатсия оварда шудааст.

Муаллифи диссертатсия тавассути баргузории корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ собит сохтааст, ки истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ дорои хусусияти рушдёбанда буда, мувофиқи мавзуъ аз онҳо метавон ба таври васеъ истифода намуд. Онҳо диққати бачагонро ба худ ҷалб мекунанд, фаъолияти маърифатиро таъмин намуда, самараи таълимро боло мебаранд. Ҳамаи ин бошад барои инкишофи нутқи кӯдак, инкишофи маърифатӣ, махсусан тафаккур, хотира, диққат, қобилиятҳои муошират, ташаккули шахсияти кӯдак дар муносибатҳои иҷтимоӣ муҳим арзёбӣ мегардад.

Дастгоҳи илмӣ ва сохтори диссертатсия, автореферати он мувофиқи талаботи Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, авторефератҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда дар сатҳи хуб таҳия гардида, муҳтавои автореферат ба мазмуни диссертатсия мувофиқ ва тасаввуроти аниқро доир ба моҳияти таҳқиқоти гузаронидашуда ва натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф медиҳад. Мақолаҳои дар нашрияҳои илмии тақризшаванда батабъррасондаи унвоҷӯй муҳтавои асосии таҳқиқоти диссертатсиониро фаро мегиранд.

Дар умум, диссертатсияи Раҳилаи Нураҳмадзода дар мавзуи

“Ташаккули омодагии нутқии кӯдакони синни калони томактабӣ ба таҳсил дар зинаи ибтидоӣ бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи аз рӯйи ихтисоси 13.00.06 – Назария ва методикаи тарбия (13.00.06.01 - Назария ва методикаи тарбияи томактабӣ) таҳқикоти анҷомёфтаи илмӣ дар соҳаи педагогикаи ватанӣ мебошад.

Зикр намудан ба маврид аст, ки дар баробари дастовардҳои илмии назариявию амалии муҳаққиқ, дар диссертатсия норасоиҳои зерин дида мешаванд, ки зикри он характери тавсиявӣ дорад.

1. Дар диссертатсия корҳои илмии олимони ватанию хориҷӣ, ки ба мавзӯи таҳқиқотӣ бахшида шудаанд, таҳлилу баррасӣ гардидаанд, аммо дар фишурдаи кор (автореферат) осори муҳаққиқони ватанию хориҷӣ ба қадри кофӣ таҳлил нагардидааст.
2. Муҳаққиқ масъалаи роҳҳои ташаккули нутқи гуфтугӯии кӯдакони синни калони томактабиро ҳарчанд дар адабиётҳои педагогӣ, психологӣ, методӣ таҳлил карда бошад ҳам, барои мукаммалтар намудан ва илман асосноктар сохтани муҳтавои диссертатсия аз ҷиҳати психологӣ онро амиқтар таҳқиқ мекард, ба диссертатсия арзиши илмии бештар мебахшид.
3. Натиҷаҳои таҳқиқот боз ҳам самараноктар мешуд, агар муаллиф бархе аз паҳлӯҳои таълими забони модариро дар синфи якум аз натиҷаи кор бо омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ муфассалтар пешниҳод менамуд.
4. Дар баъзе саҳифаҳои рисолаи илмӣ ва фишурдаи он хатогиҳои имлоӣ, мантиқӣ ва техникӣ ба назар мерасад, ки ба таҳриру тасҳеҳ ниёз доранд.

Бояд қайд кард, ки камбудиҳои зикршуда арзиши комили илмӣ ва дастовардҳои назарраси диссертатсияи Раҳилаи Нураҳмадзода дар мавзуи “Ташаккули омодагии нутқии кӯдакони синни калони томактабӣ ба таҳсил дар зинаи ибтидоӣ бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ”, дар ҳудуд ва миқёси мавзуи таҳқиқшуда халалдор намекунад. Дар ҳаллу фасли вазифаи пешгузошташуда диссертант далелу маводи заруриро ба таври возеҳ ва васеъ истифода кардааст. Диссертант аз адабиёти илмии зарурӣ дар самти таҳқиқоти мазкур огоҳии комил ва ҳамаҷониба дорад.

## ХУЛОСА

1. Диссертатсияи Раҳилаи Нураҳмадзода дар мавзуи “Ташаккули омодагии нутқии кӯдакони синни калони томактабӣ ба таҳсил дар зинаи ибтидоӣ бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ” кори ба итмомрасидаи илмӣ-таҳқиқотӣ буда, аз ҷонѝби муаллиф мустақилона ва дар сатҳи хуби илмӣ иҷро карда шудааст.

2. Нуқтаҳои илмӣ, натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ ва хулосаҳои рисолаи илмӣ дар мақолаҳо, аз он ҷумла дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки рӯйхати онҳо дар рисолаи илмӣ ва фишурдаи он дарҷ гардидаанд, интишор шудаанд.

3. Аз ҷиҳати моҳият ва мазмун диссертатсияи Раҳилаи Нураҳмадзода ба шиносномаи ихтисоси 13.00.06 – Назария ва методикаи тарбия (13.00.06.01 - Назария ва методикаи тарбияи томактабӣ) мувофиқ аст.

4. Рисолаи илмӣ ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба Шурои диссертатсионӣ ва тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ, ки бо қарори ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидаанд, пурра ҷавобгӯ буда, муаллифи он Раҳилаи Нураҳмадзода сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ, аз рӯйи ихтисоси 13.00.06 – Назария ва методикаи тарбия (13.00.06.01 - Назария ва методикаи тарбияи томактабӣ) пурра мувофиқат мекунад.

**Муқарризи расмӣ:**
доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи таҳсилоти томактабӣ ва кори иҷтимоии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ — Иззатова М. И.

16.01.2024 с.

**Маълумот барои тамос:**
Нишонӣ: 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Кӯлоб, кӯчаи Сангак Сафаров 21; Тел: (83322) 2 35 06; 918-26-35-35.
E-mail: info@kgu.ti: www.kgu.ti

Имзои М.И. Иззатоваро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДДК ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ — Амиров Ф. А.